**Суратмаҷлиси № 30**

**маҷлиси шурои диссертатсионии 6Д.КОА-012**

**назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

31 майи соли 2025 ш. Душанбе

Ҳайати шуро бо шумораи 16 нафар тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 майи соли 2025, № №30,1шд тасдиқ гардидааст.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои шуро, дар ҷаласа 16 нафар аъзо иштирок доштанд, ҳамаи онҳо доктори илм, аз он ҷумла 5 нафар мутахассис аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда.

**Шунида шуд:** Ҳимояи диссертатсияи Алимова Муборак Алимҷоновна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ).

**Мавзӯи диссертатсия:** «Рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт».

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Абдуғаффор Рауфӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи маркетинги соҳавӣ ва байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

1.Шамсзода Илёсҷон Сафарович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

2.Сайдуллоев Умедҷон Ӯктамович- номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи системаҳои бисёршабакавии телекоммуникатсионии Донишгоҳи давлатии Хӯҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

Ба автореферати диссертатсия 4 тақриз ворид гардид. Ҳамаи тақризҳо мусбатанд.

Ба довталаб 10 савол дода шуд. Саволҳо аз ҷониби аъзои зерини шуро

пешниҳод гардид: Дӯстбоев Ш., Раҷабов Р.К., Аминов И., Комилов С.Ҷ., Фақеров Ҳ.Н., Нидоев Н.Ф.,Толибзода Қ.Қ. ва Комилов С.Ҷ.

**Дар муҳокима иштирок намуданд:** д.и.и., профессор Дустбоев Ш., д.и.и., профессор Раҷабов Р.К., д.и.и., профессор Комилов С.Ҷ., д.и.и., профессор Ҷабборов А., ва д.и.и., профессор Фақеров Ҳ.Н. Нидоев Н.Ф.

**Ба ҳайати комиссияи ҳисоб интихоб шуданд:** д.и.и., профессор Амонова Дилбар Субҳоновна, (раис), д.и.и., профессор Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович., ва д.и.и., Зубайдов Саидахмад.

***қарор қабул карда шуд:***

Диссертатсияи Алимова Муборак Алимҷоновна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ), барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) ба талаботи муқаррараргаштаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ тибқи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

1. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд.
2. Ба Алимова Муборак Алимҷоновна дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дода шавад.
3. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, қарори шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Алимова Мубоарак бо дипломи номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз намояд.

Кӣ тарафдори қарори шурои диссертатсионӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳед? 16 – нафар. Зид? - Нест, Бетараф? - Нест. Қарор якдилона қабул гардид (16 нафар тарафдор).

**Раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.и., и.в. профессор** **Қодирова З.Ҳ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, н.и.и., дотсент** **Машокиров Ҷ.Н.**